# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи «Роҳзанӣ: масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2026- 39 саҳ.).**

Автореферати диссертатсияи пешниҳодшуда ба масъалаи муҳими илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷинояти роҳзанӣ ҳамчун шакли махсуси ҷиноятҳои зӯроваронаи ғаразнок бахшида шуда, аз ҷиҳати мазмун, сатҳи таҳлил ва равиши илмӣ таваҷҷуҳи хосро ба худ ҷалб менамояд. Муаллиф масъалаи роҳзаниро на танҳо ҳамчун таҷовуз ба муносибатҳои моликиятӣ, балки ҳамчун кирдори мураккаби ҷиноятӣ, ки ҳамзамон ба ҳаёт, саломатӣ ва амнияти шахсият хатар эҷод мекунад, баррасӣ намудааст.

Дар автореферат роҳзанӣ дар заминаи ҳамбастагии унсурҳои зӯроварӣ ва ғаразнокӣ таҳлил гардида, моҳияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, хусусиятҳои таркибӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми ҷиноятҳо ба муқобили моликият бо назари муосири илмӣ инъикос ёфтааст. Муаллиф тавассути таҳлили меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, андешаҳои илмии мавҷуда ва амалияи судию тафтишотӣ кӯшиш намудааст, ки мушкилоти назариявӣ ва амалии вобаста ба мафҳум, таркиб ва бандубасти роҳзаниро ошкор ва асоснок намояд.

Равиши илмии пешниҳодшуда бо хусусиятҳои маҷмуӣ ва таҳлили танқидӣ фарқ карда, имконият медиҳад, ки натиҷаҳои бадастомада на танҳо барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки барои такмили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти воқеӣ дошта бошанд.

Дар автореферат истифодаи маҷмуи васеи усулҳои илмӣ мушоҳида мегардад. Муаллиф аз усулҳои диалектикӣ, таърихию ҳуқуқӣ, догматикӣ, системавӣ-сохторӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба таври мақсаднок истифода бурда, масъалаҳои баррасишавандаро дар робитаи зич бо ҳам таҳлил намудааст.

Таҳқиқот танҳо хусусияти тавсифӣ надошта, балки бо таҳлили танқидии мавқеъҳои илмии мавҷуда, ошкор намудани камбудиҳои қонунгузорӣ ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо фарқ мекунад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки муаллиф ба омӯзиши пайдарпайи таърихи ташаккул ва инкишофи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ дар қонунгузории миллӣ рӯ оварда, қонуниятҳои умумӣ ва тамоюлҳои асосии рушди ин таркиби ҷиноятро ошкор менамояд.

Дар таҳқиқот тағйирёбии мазмун ва доираи аломатҳои роҳзанӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди қонунгузории ҷиноятӣ таҳлил гардида, нишон дода мешавад, ки чӣ гуна фаҳмиши мафҳумҳои асосӣ вобаста ба шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ тадриҷан ташаккул ёфтааст.

Аҳаммияти амалии кори илмӣ дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои таҳияшуда метавонанд дар фаъолияти судҳо ва мақомоти тафтишотӣ ҳангоми бандубасти ҷиноятҳо ба муқобили моликият, махсусан роҳзанӣ, истифода шаванд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот барои такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти амалӣ доранд.

Дар баробари баҳои умумии мусбат, метавон қайд намуд, ки баъзе пешниҳодҳои муаллиф, аз ҷумла вобаста ба аломатҳои вазнинкунадаи таркибии ҷинояти роҳзанӣ, метавонанд дар доираи баҳсҳои илмӣ мавриди муҳокимаи иловагӣ қарор гиранд.

Аз ҷумла, дар пешниҳоди сеюм муаллиф ишора мекунад, ки пурзӯр намудани ҷавобгарӣ дар ҳолати такроран содир намудани ҷиноятҳо бештар на ба худи кирдор, балки ба хусусиятҳои шахсияти гунаҳгор вобаста мебошад. Бинобар ин хориҷ намудани ин аломат аз моддаи 249 КҶ ҶТ мақсаднок шуморида мешавад. Ҳамзамон, дар автореферат мавқеи муаллиф нисбат ба аломати содир шудани роҳзанӣ дар ҳолати ретсидиви хавфнок (б. «д» қ. 3 м. 249 КҶ ҶТ), ки он низ бо шахсияти гунаҳгор алоқаманд аст, ба таври равшан баён нашудааст. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад аст, ки муаллиф ҳангоми ҳимояи диссертатсия мавқеи худро оид ба асоснокии нигоҳ доштан ё хориҷ намудани аломати мазкур ҳамчун аломати вазнинкунандаи таркиби ҷинояти роҳзанӣ ба таври равшан ва далелнок баён намояд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои дар такриз иброзгардида аз лиҳози моҳият хусусияти баҳси илмидошта ба шумор мераванд, бинобар ин ба арзёбии илмӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи Абдусаломзод Некруз Абдусалом таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса:** тибқи муҳтавои автореферат, диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом ба талаботе, ки нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ муқаррар гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Дар он пешниҳодҳои илмии асоснок таҳия шудаанд, ки ба такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла ҷинояти роҳзанӣ, равона гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири шуъбаи масоили назариявии
давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат
ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон Бобоҷонзода И.Ҳ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Асадулло Ғуломов, 13
Моб. тел: (+992 ) 907891170
Email: bobojonov_i@mail.ru

Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Акрамзода Т.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ
АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН * НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

**Суроғаи муассиса**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025 ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Тел**. 221-77-96
«19» 01 соли 2026